| • не наносить ущерб деловой репутации Маркетплейс, не распространять недостоверные или оскорбительные сведения в отношении Маркетплейс.<br><br>**8.4. Продавец вправе:**<br>• Пользоваться услугами Службы поддержки Маркетплейса, подавать обращения по вопросам работы Маркетплейса;<br>• размещать Материалы, в том числе Карточки Товаров на Маркетплейсе, при этом гарантируя свои исключительные права интеллектуальной собственности.<br>• с согласия Маркетплейс использовать Средства индивидуализации Маркетплейс для цели информирования о том, что магазин Продавца представлен на Маркетплейсе. По требованию Маркетплейс Продавец незамедлительно удаляет указанную информацию. В любом случае указанная информация удаляется с момента прекращения сотрудничества. | • ба обрӯи тиҷоратии Маркетплейс зарар нарасонад, маълумоти нодуруст ё таҳқиромези нисбат ба Маркетплейс паҳн накунад.<br><br>8.4. **Фурӯшанда ҳуқуқ дорад:**<br>• Аз дастгирии Хадамоти дастгирии Маркетплейс истифода барад, барои масъалаҳои корӣ ба Маркетплейс муроҷиат кунад;<br>• Маводро, аз ҷумла Кортҳои Молҳоро дар Маркетплейс ҷойгир кунад, дар ин ҳол ҳуқуқҳои истисноии молкияти зеҳниро кафолат диҳад.<br>• бо розигии Маркетплейс Воситаҳои инфиродии Маркетплейсро барои мақсади иттилоот маълумотн дар бораи он, ки мағозаи Фурӯшанда дар Маркетплейс пешкаш карда шудааст, истифода барад. Тибқи талаби Маркетплейс Фурӯшанда дарҳол маълумоти зикршударо нест мекунад. Ба ҳар ҳол маълумоти зикршуда аз лаҳзаи қатъи ҳамкориҳо нест карда мешавад. |
| **9. ОТВЕТСТВЕННОСТЬ**<br>9.1. Ответственность за исполнение Договора, заключенного между Покупателем и Продавцом с использованием Маркетплейса, а также за соблюдение иных прав Продавцов несет Продавец, если иное прямо не предусмотрено действующим законодательством Республики Таджикистан.<br><br>9.2. Продавец несет ответственность за надлежащее выполнение Заказов, принятых к исполнению, а также обязан разрешать претензии Покупателей, в том числе связанные с ненадлежащим качеством Товара и/или услуг по Доставке Товара.<br><br>9.3. Продавец несет полную ответственность за качество, работоспособность, комплектность и иные характеристики Товаров а также:<br>• В случае, если Продавец доставил заказ на день или на несколько дней раньше срока, указанного Покупателем в заказе, Продавец за свой счет доставляет повторно заказ в надлежащий день и время;<br>• в случае, если доставлен некачественный товар, Продавец повторно доставляет товар надлежащего качества;<br>• если доставленный товар надлежащего качества, но внешний вид отличается от представленных изображений в карточке | **9.МАСЪУЛИЯТ**<br>9.1. Масъулият барои иҷрои Шартномае, ки байни Харидор ва Фурӯшанда бо истифода аз Маркетплейс баста шудааст, инчунин барои риояи ҳуқуқҳои дигари Фурӯшандагон Фурӯшанда дорад, агар талаботи дигар бевосита дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад.<br><br>9.2. Фурӯшанда барои иҷрои шоистаи Фармоишҳое, ки ба иҷро қабул шудаанд, масъулият дорад, инчунин ӯҳдадор аст шикоятҳои Харидоронро, аз ҷумла онҳое, ки бо сифати номуносиби Мол ва/ё хизматрасониҳо оид ба Расонидани Мол алоқаманданд, ҳал кунад.<br><br>9.3. Фурӯшанда барои сифат, қобилияти корӣ, пуррагӣ ва хусусиятҳои дигари Молҳо масъулияти пурра дорад ва инчунин:<br>• Дар ҳолате, ки Фурӯшанда фармоишро як рӯз ё чанд рӯз зудтар аз мӯҳлате, ки аз тарафи Харидор дар фармоиш зикр шудааст, расонидааст, Фурӯшанда ба ҳисоби худ фармоишро дар рӯз ва вақти шоиста такроран мерасонад;<br>• дар ҳолате, ки моли пастсифат расонида шудааст, Фурӯшанда моли сифати дахлдоро такроран мерасонад;<br>• агар моли расонидашуда сифати шоиста дорад, аммо намуди зоҳирӣ аз тасвирҳои дар Корти мол аз рӯи таркиб, андоза, ранг |

| | |
|---|---|
| товара по составу, размеру, цвету и прочим характеристикам, опубликованным на Маркетплейсе, Продавец доставляет товар соответствующего внешнего вида (при наличия претензий Получателя);<br>• в случае жалобы Покупателя или Получателя или сотрудников Маркетплейса на плохое, грубое, некорректное общение персонала Продавца, в том числе действующих от имени Продавца. | ва хусусиятҳои дигаре, ки дар Маркетплейс нашр шудаанд, фарқ мекунад, Фурӯшанда моли намуди зоҳирии мувофиқро мерасонад (дар ҳолати мавҷуд будани шикояти Гиранда);<br>• дар ҳолати шикояти Харидор ё Гиранда ё кормандони Маркетплейс аз муошираи бад, дағал, нодурусти кормандони Фурӯшанда, аз ҷумла онҳое, ки аз номи Фурӯшанда амал мекунанд. |
| 9.4. Маркетплейс имеет право удержать с Продавца штраф за существенные нарушения условий Оферты. Существенные условия а так же размер соответствующего штрафа определяются исключительно Маркетплейсом. | 9.4. Маркетплейс ҳуқуқ дорад аз Фурӯшанда барои вайронкуниҳои ҷиддии шартҳои Оферта ҷарима талаб кунад. Шартҳои ҷиддӣ ва инчунин андозаи ҷаримаи дахлдор танҳо аз тарафи Маркетплейс муайян карда мешавад. |
| 9.5. В случае использования персональных данных Продавцов/Покупателей с целью распространения маркетинговых материалов, или в иных целях, не связанных с исполнением Заказа, или разглашения персональных данных Продавцов/Покупателей в нарушение законодательства, Продавец по требованию Маркетплейс обязуется выплатить Маркетплейс штраф в размере 1 000 сомони за каждый подтвержденный случай, а также возместить причиненные убытки. | 9.5. Дар ҳолати истифодаи маълумотҳои шахсии Фурӯшандагон/Харидорон бо мақсади паҳнкунии маводҳои маркетингӣ, ё дар мақсадҳои дигаре, ки бо иҷрои Фармоиш алоқаманд нестанд, ё ошкор кардани маълумотҳои шахсии Фурӯшандагон/Харидорон бо вайрон кардани қонунгузорӣ, Фурӯшанда аз рӯи талаби Маркетплейс ӯҳдадор аст ба Маркетплейс ҷарима дар андозаи 1000 сомонӣ барои ҳар ҳолати тасдиқшуда пардохт кунад, инчунин зарарҳои расонидашударо ҷуброн кунад. |
| 9.6. В случае Использования материалов Правообладателей без соответствующего разрешения, карточек товаров и иных прав интеллектуальной собственности, размещенных на Маркетплейсе, интернет сайте и мобильном приложении на собственных онлайн ресурсах Продавец по требованию Маркетплейс обязуется выплатить Маркетплейс штраф в размере 1000 сомони за каждый подтвержденный случай, а также возместить причиненные убытки. | 9.6. Дар ҳолати истифодаи маводи Соҳибониҳуқуқон бе розигии дахлдор, Кортҳои молҳо ва ҳуқуқҳои дигари молкияти зеҳнӣ, ки дар Маркетплейс, сомонаи интернетӣ ва барномаи мобилӣ ҷойгир шудаанд, дар платформаҳои онлайнии худӣ Фурӯшанда аз рӯи талаби Маркетплейс ӯҳдадор аст ба Маркетплейс ҷарима дар андозаи 1000 сомонӣ барои ҳар ҳолати тасдиқшуда пардохт кунад, инчунин зарарҳои расонидашударо ҷуброн кунад. |
| 9.7. В случае разглашения третьим лицам данных Заказа, данных, предоставленных Покупателем в рамках Заказа (помимо персональных данных), в том числе пожелания/комментарии Покупателя к Заказу, тексты открыток, содержание чата с Покупателем, Продавец по требованию Маркетплейс обязуется выплатить Маркетплейс штраф в размере 1000 сомони за каждый подтвержденный случай, а также возместить причиненные убытки. | 9.7. Дар ҳолати ошкор кардан ба шахсони сеюм маълумотҳои Фармоиш, маълумотҳои пешниҳоднамуда аз тарафи Харидор дар доираи Фармоиш (ғайр аз маълумотҳои шахсӣ), аз ҷумла хоҳишҳо/шарҳҳои Харидор ба Фармоиш, матнҳои корт, мундариҷаи чат бо Харидор, Фурӯшанда аз рӯи талаби Маркетплейс ӯҳдадор аст ба Маркетплейс ҷарима дар андозаи 1000 сомонӣ барои ҳар ҳолати тасдиқшуда пардохт кунад, инчунин зарарҳои расонидашударо ҷуброн кунад. |

| | |
|---|---|
| 9.8. В случае нарушения правил Самовывоза, в том числе предложения Покупателю/Получателю отменить Заказ и приобрести Товар в обход Маркетплейса, Продавец по требованию Маркетплейс обязуется выплатить Маркетплейс штраф в размере стоимости Заказа за каждый подтвержденный случай, а также возместить причиненные убытки; | 9.8. Дар ҳолати вайрон кардани қоидаҳои Худгирӣ, аз ҷумла пешниҳод ба Харидор/Гирандаро барои бекор кардани Фармоиш ва харидани Мол бе иштироки Маркетплейс, Фурӯшанда аз рӯи талаби Маркетплейс ӯҳдадор аст ба Маркетплейс ҷарима дар андозаи арзиши Фармоиш барои ҳар ҳолати тасдиқшуда пардохт кунад, инчунин зарарҳои расонидашударо ҷуброн кунад; |
| 9.9. В случае нарушения иных условий Оферты, не указанных в настоящем разделе, Продавец по требованию Маркетплейс обязуется выплатить Маркетплейс штраф в размере определяемом а также возместить причиненные убытки. | 9.9. Дар ҳолати вайрон кардани шартҳои дигари Оферта, ки дар фасли мазкур зикр нашудаанд, Фурӯшанда аз рӯи талаби Маркетплейс ӯҳдадор аст ба Маркетплейс ҷарима дар андозаи муқаррарнамудаи Маркетплейс пардохт кунад, инчунин зарарҳои расонидашударо ҷуброн кунад. |
| 9.10. В случае если непредоставление или предоставление Продавцом недостоверной информации явилось основанием для предъявления Маркетплейс претензий, в том числе привлечения Маркетплейс к ответственности, Продавец обязуется своими силами и за свой счет урегулировать все претензии либо возместить Маркетплейс понесенные убытки (включая судебные расходы, суммы наложенных штрафов). | 9.10. Дар ҳолате ки пешниҳод накардан ё пешниҳоди кардани маълумоти нодурусти Фурӯшанда асос барои пешниҳоди даъвоҳо ба Маркетплейс, аз ҷумла ба ҷавобгарӣ кашидани Маркетплейс гардидааст, Фурӯшанда ӯҳдадор аст бо қувва ва аз ҳисоби худ ҳамаи даъвоҳоро ҳал кунад ё ба Маркетплейс зарарҳои расонидашударо (аз ҷумла харочотҳои судӣ, маблағҳои ҷаримаҳои татбиқшуда) ҷуброн кунад. |
| 9.11. Кроме выше указанных штрафов Маркетплейс вправе потребовать возмещения понесенных убытков, в т.ч. штрафов, пеней, наложенных контролирующими органами. | 9.11. Ғайр аз ҷаримаҳои дар боло зикршуда Маркетплейс ҳуқуқ дорад ҷуброни зарарҳоро, аз ҷумла ҷаримаҳо, ҷазоҳои татбиқшуда аз тарафи мақомоти назоратӣ талаб кунад. |
| 9.12. Продавец обязуется своими силами и за свой счет разрешать споры и урегулировать претензии третьих лиц в отношении Материалов и/или Товаров, сведения о которых содержатся в Материалах. В случае предъявления к Маркетплейс каких-либо претензий, требований, исков со стороны третьих лиц, связанных с:<br>• нарушением их исключительных прав, вызванных неправомерным размещением Продавцом Материалов на Маркетплейсе, незаконным использованием товарных знаков, правообладателями которых являются третьи лица, или<br>• несоответствием Товара требованиям и гарантиям, установленным Офертой или законодательством РТ, или<br>• предоставления не достоверной/поддельной/не соответствующей требованиям законодательства РТ/полученной с нарушением требований законодательства РТ разрешительной документации, | 9.12. Фурӯшанда ӯҳдадор аст бо қувваҳо ва ба ҳисоби худ ихтилофҳоро ҳал кунад ва даъвоҳои шахсони сеюмро дар робита бо Мавод ва/ё Молҳое, ки маълумот дар бораи онҳо дар Мавод мавҷуд аст, ҳал кунад. Дар ҳолати пешниҳоди даъвоҳо, талабҳо, шикоятҳо аз тарафи шахсони сеюм ба Маркетплейс, ки бо мавзӯъҳои зерин алоқаманданд:<br>• вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноии онҳо, ки аз ҷойгиркунии ғайриқонунии Мавод аз тарафи Фурӯшанда дар Маркетплейс, истифодаи ғайриқонунии аломатҳои тиҷоратие, ки соҳибониҳуқуқи онҳо шахсони сеюм мебошанд, ё<br>• мувофиқат накардани Мол ба талабҳо ва кафолатҳои муқарраршуда дар Оферта ё қонунгузории ҶТ, ё<br>• пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нодуруст/қалбакӣ/ ба талаботҳои қонунгузории ҶТ мувофиқ набуда/бо вайрон кардани талаботҳои қонунгузории ҶТ гирифташуда, Фурӯшанда ӯҳдадор аст ба Маркетплейс |

| | |
|---|---|
| Продавец обязуется оказывать Маркетплейс необходимое содействие в урегулировании таких претензий, требований, исков (в том числе незамедлительно предоставлять запрашиваемую информацию), а также возместить Маркетплейс все понесенные им убытки, вызванные такими претензиями, требованиями и исками, включая, но не ограничиваясь, суммы штрафов и компенсаций и иные суммы, взысканные судебным актом, вынесенным по делу, прямо или косвенно связанным с таким нарушением, в срок, не превышающий 5 (Пяти) рабочих дней с даты получения от Маркетплейс соответствующего документально подтвержденного требования. | ёрии зарурӣ дар ҳал кардани чунин даъвоҳо, талабҳо, шикоятҳо (аз ҷумла дарҳол маълумоти талабшаванда пешниҳод намояд), инчунин ба Маркетплейс ҳамаи зарарҳоро, ки аз чунин даъвоҳо, талабҳо ва шикоятҳо боис шудаанд, аз ҷумла, аммо бо он маҳдуд нашуда маблағҳои ҷаримаҳо ва ҷуброниҳо ва маблағҳои дигаре, ки бо санади судӣ, ки аз рӯи масъалае, ки мустақиман ё ғайримустақиман бо чунин вайронкунӣ алоқаманд аст, бароварда шудаанд, дар мӯҳлати на зиёда аз 5 (панҷ) рӯзи корӣ аз санаи гирифтани талаби мувофиқи ҳуҷҷатӣ тасдиқшуда аз Маркетплейс ҷуброн кунад. |
| 9.13. Продавец несет ответственность в полном объеме за соблюдение всех требований законодательства, в том числе законодательства об интеллектуальной собственности, о конкуренции, о персональных данных, но не ограничиваясь перечисленным, в отношении содержания и формы Материалов, за соответствие Товаров требованиям законодательства РТ, за то, что Товары не являются фальсифицированными и/или контрафактными. | 9.13. Фурӯшанда дар ҳаҷми пурра барои риояи ҳамаи талаботҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ дар бораи моликияти зеҳнӣ, дар бораи рақобат, дар бораи маълумотҳои шахсӣ, аммо бо он маҳдуд нашуда, дар робита бо мундариҷа ва шакли Мавод, барои мувофиқати Молҳо ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои қалбакӣ ва воридоти ғайриқонунии Мол ба ҳудуди ҶТ ҷавобгар аст. |
| 9.14. В случае отказа Покупателя/Получателя от принятия Товара в связи с ненадлежащим качеством Товара/несоответствием Товара Заказу, если ненадлежащее качество Товара/несоответствие Товара Заказу произошло по вине Продавца, Продавец несет ответственность за указанные Товары и обязан осуществить доставку указанного товара или решить претензию Покупателя/Получателя иным образом, в соответствии с действующим законодательством. | 9.14. Дар ҳолати рад кардани Харидор/Гиранда аз қабули Мол дар робита бо сифати номуносиби Мол/мувофиқат накардани Мол ба Фармоиш, агар сифати номуносиби Мол/мувофиқат накардани Мол ба Фармоиш аз гуноҳи Фурӯшанда рух маълумот бошад, Фурӯшанда барои Молҳои зикршуда масъулият дорад ва ӯҳдадор аст расонидани моли зикршударо анҷом диҳад ё даъвои Харидор/Гирандаро бо тариқи дигар мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҳал кунад. |
| **10. ГАРАНТИИ**<br>10.1. В течение срока действия Договора Маркетплейс предпримет все усилия для устранения каких-либо сбоев и ошибок в случае их возникновения. При этом Маркетплейс не гарантирует отсутствия ошибок и сбоев при размещении Материалов, а также при оказании услуг, предусмотренных настоящей Офертой, в том числе в отношении работы программного обеспечения. | **10. КАФОЛАТҲО**<br>10.1. Дар давоми мӯҳлати амали Шартнома Маркетплейс барои бартарафкунии нуқсонҳо ва хатогиҳо дар ҳолати ба вуҷуд омаданашон ҳамаи кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад. Дар ин ҳол Маркетплейс набудани хатогиҳо ва нуқсонҳо ҳангоми ҷойгиркунии Мавод, инчунин ҳангоми хизматрасонӣ тибқи Офертаи мазкур пешбинишуда, аз ҷумла дар робита бо кори сомона/барнома кафолат намедиҳад. |
| 10.2. За исключением указанной выше гарантии, Маркетплейс не предоставляет никаких гарантий, в том числе, не гарантирует | 10.2. Ба истиснои кафолати дар боло зикршуда, Маркетплейс ягон кафолатҳои дигар, аз ҷумла |

| | |
|---|---|
| бесперебойной и безошибочной работы Маркетплейса. | кори бехатоги Маркетплейсро кафолат намедиҳад. |
| **10.3. Продавец гарантирует и подтверждает, что:**<br>• Является законно действующим юридическим лицом/индивидуальным предпринимателем;<br>• продавец соблюдает налоговое и иное законодательство Республики Таджикистан;<br>• продавец указал исключительно достоверные данные при регистрации на Маркетплейсе, Продавцом получены согласия своих представителей на предоставление их персональных данных Маркетплейс;<br>• продавец ознакомился с условиями Оферты; понимает предмет настоящей Оферты, а также значение и последствия своих действий в отношении заключения и исполнения настоящего Договора;<br>• размещенные Материалы не нарушают и не влекут за собой нарушение каких-либо прав третьих лиц и действующего законодательства Республики Таджикистан;<br>• Товары, сведения о которых содержатся в представленных Продавцом Материалах, законным способом были введены в гражданский оборот на территории Республики Таджикистан, не являются фальсифицированными и/или контрафактными, соответствуют законодательству Республики Таджикистан, в том числе законодательству о техническом регулировании, содержат все необходимые сведения, предусмотренные законодательством о защите прав потребителей;<br>• наличие законных прав, в том числе права интеллектуальной собственности/авторского права на Размещаемые Продавцом Материалы | 10.3. **Фурӯшанда кафолат медиҳад ва тасдиқ мекунад, ки:**<br>• Шахси ҳуқуқии қонунан амалкунанда/соҳибкори инфиродӣ мебошад;<br>• фурӯшанда қонунгузории андоз ва қонунгузории дигари Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя мекунад;<br>• фурӯшанда ҳангоми бақайдгирӣ дар Маркетплейс танҳо маълумотҳои дурустро зикр кардааст ва Фурӯшанда розигиҳои намояндагонаш барои пешниҳоди маълумотҳои шахсиашон ба Маркетплейс гирифтааст;<br>• фурӯшанда бо шартҳои Оферта шинос гардидааст; мавзӯи Офертаи мазкурро, инчунин маъно ва оқибатҳои амалҳояш дар робита бо бастан ва иҷрои Шартномаи мазкур дарк мекунад;<br>• Маводи ҷойгиргардашуда ягон ҳуқуқҳои шахсони сеюм ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон намекунанд ва боиси вайронкунии онҳо намегарданд;<br>• Молҳое, ки маълумот дар бораи онҳо дар Маводи пешниҳодшудаи Фурӯшанда мавҷуд аст, бо тариқи қонунӣ дар муомилоти граждании дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, қалбакӣ ва/ё ғайриқонунӣ воридшуда набуда, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузорӣ дар бораи танзими техникӣ мувофиқанд, ҳамаи маълумоти зарурии пешбинишудаи қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро дар бар мегиранд;<br>• мавҷуд будани ҳуқуқҳои қонунӣ, аз ҷумла ҳуқуқи молкияти зеҳнӣ/ҳуқуқи муаллифӣ ба Маводи ҷойгиркардашуда аз тарафи Фурӯшанда. |
| 10.4. Размещая указанные в настоящей Оферте материалы на Маркетплейсе, Продавец предоставляет Маркетплейс право на их использование, в том числе для привлечения внимания других Продавцов к Маркетплейсу, без обязанности предоставлять отчеты об использовании таких сообщений и материалов, без необходимости получения специального разрешения Продавца и без выплаты авторского вознаграждения, без ограничения срока, с правом Маркетплейс предоставить | 10.4. Бо ҷойгир кардани маводи дар Офертаи мазкур зикршуда дар Маркетплейс, Фурӯшанда ба Маркетплейс ҳуқуқи истифодаи онҳоро, аз ҷумла барои ҷалби диққати Фурӯшандагони дигар ба Маркетплейс, бидуни ӯҳдадорӣ барои пешниҳоди ҳисоботҳо дар бораи истифодаи чунин паёмҳо ва мавод, бидуни зарурати гирифтани иҷозати махсуси Фурӯшанда ва бидуни пардохти подошпулипулии муаллифӣ, бидуни маҳдудкунии мӯҳлат, бо ҳуқуқи Маркетплейс барои пешниҳоди ҳуқуқҳои |

| | |
|---|---|
| указанные права использования таких сообщений и материалов третьим лицам. В случае если Продавец не вправе предоставить Маркетплейс право использования какого-либо сообщения или материала подобным способом, он обязан воздержаться от размещения такого сообщения или материала. Продавец несет ответственность за достоверность сведений, содержащихся в предоставленной им информации. | зикршуда ба шахсони сеюм пешниҳод мекунад. Дар ҳолате ки Фурӯшанда ба Маркетплейс ҳуқуқи истифодаи ягон паём ё маводро бо тариқи мазкур пешниҳод накунад, ӯ ӯҳдадор аст аз ҷойгиркунии чунин паём ё мавод худдорӣ кунад. Фурӯшанда барои дурустии маълумоте, ки дар маълумоти пешниҳодшудаи ӯ мавҷуд аст, ҷавобгар аст. |
| 10.5. Маркетплейс освобождается от ответственности за невыполнение или ненадлежащее исполнение настоящего Договора, в случае если такое нарушение является следствием сообщения Продавцом о себе недостоверных данных, нарушения гарантий или иного неисполнения, или ненадлежащего исполнения Продавцом своих обязанностей по Договору. | 10.5. Маркетплейс аз масъулият барои иҷро накардан ё иҷрои номуносиби Шартномаи мазкур озод карда мешавад, дар ҳолате ки чунин вайронкунӣ натиҷаи пешниҳоди маълумоти нодуруст аз тарафи Фурӯшанда, вайрон кардани кафолатҳо ё дигар иҷро накардан, ё иҷрои номуносиби ӯҳдадориҳояш аз рӯи Шартнома аз тарафи Фурӯшанда бошад. |
| **11. ОБСТОЯТЕЛЬСТВА НЕПРЕОДОЛИМОЙ СИЛЫ (ФОРС-МАЖОР)** | **11. ҲОЛАТҲОИ ҚУВВАИ РАФЪНОПАЗИР (ФОРС-МАЖОР)** |
| 11.1. Стороны освобождаются от ответственности за частичное или полное неисполнение обязательств по Договору, вызванное обстоятельствами непреодолимой силы, возникшими после его заключения. К таким обстоятельствам, в частности, Стороны относят: стихийные бедствия; природные и промышленные катастрофы; террористические акты; военные действия; гражданские беспорядки; принятие органами государственной власти или органами местного самоуправления актов, содержащих запреты или ограничения в отношении деятельности Сторон по Договору; иные обстоятельства, которые не могут быть заранее предвидены или предотвращены и делают невозможным исполнение обязательств Сторон по Договору. | 11.1. Тарафҳо аз масъулият барои иҷро накардан ё иҷрои номуносиби ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартнома, ки бинобар ҳолатҳои қувваи рафънопазире пайдо шудаанд ва пас аз бастани он ба вуҷуд омадаанд, озод карда мешаванд. Ба чунин ҳолатҳо, Тарафҳо бахусус ворид мекунанд: фалокатҳои табиӣ; офатҳои табиӣ ва саноатӣ; амалҳои террористӣ; амалҳои ҳарбӣ; ошӯбҳои гражданӣ; қабули санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки маҳдудиятҳо дар бар мегиранд дар робита бо фаъолияти Тарафҳо аз рӯи Шартнома; ҳолатҳои дигаре, ки пешакӣ дида ё пешгирӣ карда наметавонанд ва иҷрои ӯҳдадориҳои Тарафҳоро аз рӯи Шартнома ғайриимкон мегарданд. |
| 11.2. При наступлении обстоятельств непреодолимой силы, препятствующих исполнению обязательств по Договору, срок оказания Сторонами своих обязательств переносится соразмерно времени действия таких обстоятельств, а также времени, требуемого для устранения их последствий, но не более 30 (Тридцати) календарных дней. В случае если обстоятельства непреодолимой силы продолжают действовать свыше указанного срока, либо когда при их наступлении обеим Сторонам становится очевидным, что они будут действовать более этого срока, Договор прекращает свое действие. | 11.2. Ҳангоми фаро расидани ҳолатҳои қувваи рафънопазир, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартнома монеъ мешаванд, мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳо аз тарафи Тарафҳо мутаносибан вақти амали чунин ҳолатҳо, инчунин вақте, ки барои бартарафкунии оқибатҳояшон талаб карда мешавад, аммо на зиёда аз 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ тамдид карда мешавад. Дар ҳолате ки ҳолатҳои қувваи рафънопазир зиёда аз мӯҳлати зикршуда амал карда истоданд, ё ҳангоми фаро расиданашон ба ҳарду Тараф маълум шавад, ки ҳолат зиёда аз ин мӯҳлат давом хоҳанд кард, Шартнома амали худро қатъ мекунад. |

| | |
|---|---|
| **12. ИНФОРМАЦИОННЫЙ ОБМЕН И ЮРИДИЧЕСКИ ЗНАЧИМЫЕ СООБЩЕНИЯ**<br>12.1. Если иными положениями Оферты прямо не установлено иное, все заявления, уведомления, извещения, требования или иные юридически значимые сообщения, требуемые или направляемые в связи с Договором, могут быть отправлены заказным письмом, курьерской службой, электронным сообщением, с помощью системы электронного документооборота, адресованным Стороне по ее реквизитам или адресу электронной почты, или в чате. Любые юридически значимые сообщения считаются переданными:<br>• на день Доставки – при его отправлении почтой или курьерской службой;<br>• на день отправления – в случае направления посредством электронной почты или в Чате. | **12. МУБОДИЛАИ ИТТИЛООТӢ ВА ПАЁМҲОИ ҲУҚУҚАН МУҲИМ**<br>12.1. Агар тибқи муқарароти дигари Оферта талаботи дигар муайян нашуда бошанд, ҳамаи изҳорот, огоҳномаҳо, хабарҳо, талабҳо ё паёмҳои дигари ҳуқуқан муҳиме, ки талаб карда мешаванд ё дар робита бо Шартнома равон карда мешаванд, метавонанд бо мактуби фармоишӣ, қосиди Маркетплейс, паёми электронӣ, бо ёрии низоми ҳуҷҷатгузории электронӣ, ки ба Тараф аз рӯи реквизитҳо ё суроғаи почтаи электронӣ, ё дар чат равонашуда бошанд, фиристода шаванд. Дилхоҳ паёмҳои аз нигоҳи ҳуқуқӣ муҳим интиқолшуда ҳисобида мешаванд:<br>• дар рӯзи Расонидан ҳангоми фиристодани он бо почта ё қосиди Маркетплейс;<br>• дар рӯзи фиристодан дар ҳолати равонкунӣ тавассути почтаи электронӣ ё дар Чат. |
| 12.2. Юридически значимые сообщения, отправленные средствами электронной почты или в мессенджерах, обладают полной юридической силой и могут быть использованы в качестве доказательств в суде при соблюдении нижеследующих условий:<br>• любые юридически значимые сообщения, направленные на изменение условий Договора, полное или частичное прекращение Договора, прекращение обязательств любой из Сторон по любым основаниям, за исключением их надлежащего исполнения, заявление претензионных требований, передаваемые посредством электронного сообщения, должны (1) в обязательном порядке содержать в качестве вложения скан-копию документа, отражающего соответствующее юридически значимое сообщение, подписанного полномочным на то лицом, и (2) в случае отправки по электронной почте направляться на адрес электронной почты Стороны-получателя, указанный в настоящем Договоре; | 12.2. Паёмҳои ҳуқуқан муҳиме, ки тавассути почтаи электронӣ ё дар мессенҷерҳо фиристода шудаанд, қувваи пурраи ҳуқуқӣ доранд ва метавонанд ба сифати далелҳо дар суд дар ҳолати риояи шартҳои дар поён омада истифода шаванд:<br>• дилхоҳ паёмҳои ҳуқуқан муҳиме, ки ба тағйири шартҳои Шартнома, қатъи пурра ё қисмии Шартнома, қатъи ӯҳдадориҳои ягон Тараф аз рӯи ягон асосҳо, ба истиснои иҷрои дахлдори онҳо, изҳори талаботҳои даъвогӣ, ки тавассути паёми электронӣ интиқол маълумот мешаванд, бояд (1) ҳатман ба сифати замима скан-нусхаи коғазии ҳуҷҷате, ки паёми ҳуқуқан муҳими мувофиқро инъикос мекунад, аз тарафи шахси ваколатдор имзо шудааст, ва (2) дар ҳолати фиристодан аз рӯи почтаи электронӣ ба суроғаи почтаи электронии Тарафи гиранда, ки дар Шартномаи мазкур зикр шудааст, равона карда шаванд; |
| 12.3. Распечатка отчета об отправке электронного сообщения и/или скриншота экрана Чата рассматривается Сторонами в качестве допустимого письменного доказательства факта отправления юридически значимого сообщения и его получения Стороной. | 12.3. Чопи ҳисоботи фиристодани паёми электронӣ ва/ё скриншоти экрани Чат аз Тарафҳо ба сифати далели хаттии қобили қабули факти фиристодани паёми ҳуқуқан муҳим ва гирифтани он аз тарафи Тараф баррасӣ карда мешавад. |
| 12.4. Адреса электронной почты Сторон: | 12.4. Суроғаҳои почтаи электронии Тарафҳо: |

| | |
|---|---|
| • для Маркетплейс: support@alif.tj;<br>• для Продавца: адрес электронной почты, указанный при регистрации на Маркетплейсе.<br><br>12.5. Стороны признают, что направленные и полученные ими в соответствии с условиями, определенными Офертой, электронные документы, признаются равнозначными документам на бумажном носителе, подписанным собственноручной подписью и заверенным оттиском печати, соответствуют письменной форме документов, и порождают права и обязанности Сторон при выполнении взаимных обязательств Сторон. Электронные документы имеют юридическую силу и могут использоваться, в частности, в качестве доказательств в суде, а также при рассмотрении споров в досудебном порядке.<br><br>**13. ЗАКЛЮЧЕНИЕ И РАСТОРЖЕНИЕ ДОГОВОРА**<br>13.1. Договор вступает в силу с момента акцепта Продавцом Оферты и действует до момента расторжения Договора.<br><br>13.2. Договор в любое время может быть расторгнут по соглашению Сторон.<br><br>13.3. Договор может быть немедленно расторгнут Маркетплейс в случае нарушения Продавцом условий Договора, с письменным уведомлением Продавца в следующих случаях:<br>• неоднократное нарушение сроков Доставки Товара;<br>• неоднократное нарушение сроков выдачи Заказа;<br>• неоднократное нарушение требований к качеству Товара;<br>• неоднократная замена Товара;<br>• использование чужих Материалов;<br>• рассылка Покупателям спама;<br>• грубое общение с Покупателями и/или сотрудниками Маркетплейс;<br>• игнорирование Заказов;<br>• неоднократные отказы от Заказов;<br>• установление цен на Товары на Маркетплейсе в размере, превышающем цены, указанные Продавцом на собственных онлайн-ресурсах (сайт, социальные сети), а также на других онлайн-ресурсах; | • барои Маркетплейс: support@alif.tj;<br>• барои Фурӯшанда: суроғаи почтаи электронӣ, ки ҳангоми бақайдгирӣ дар Маркетплейс зикр шудааст.<br><br>12.5. Тарафҳо эътироф мекунанд, ки ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки мутобиқи шартҳои муайяншудаи Оферта аз тарафи онҳо фиристода ва гирифта шудаанд, баробар ба ҳуҷҷатҳо дар барандаи коғазӣ, ки имзошуда ва бо тамғаи мӯҳр тасдиқгардида эътироф карда мешаванд, ба шакли хаттии ҳуҷҷатҳо мувофиқанд, ва ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои Тарафҳоро ҳангоми ичрои ӯҳдадориҳои мутақобилаи Тарафҳо ба вуҷуд меоранд. Ҳуҷҷатҳои электронӣ қувваи ҳуқуқӣ доранд ва метавонанд, хусусан, ба сифати далелҳо дар суд, инчунин ҳангоми баррасии ихтилофҳо дар тартиби досудӣ истифода шаванд.<br><br>**13. БАСТАН ВА БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА**<br>13.1. Шартнома аз лаҳзаи қабули Оферта аз тарафи Фурӯшанда эътибор пайдо мекунад ва то лаҳзаи бекор кардани Шартнома амал мекунад.<br><br>13.2. Шартнома дар дилхоҳ вақт аз рӯи созиши Тарафҳо бекор шуда метавонад.<br><br>13.3. Шартнома дар ҳолати вайрон кардани шартҳои Шартнома аз тарафи Фурӯшанда аз тарафи Маркетплейс бо огоҳии хаттии Фурӯшанда дар ҳолатҳои зерин фавран бекор карда метавонад:<br>• вайронкунии такрории мӯҳлатҳои Расонидани Мол;<br>• вайронкунии такрории мӯҳлатҳои пешниҳоди Фармоиш;<br>• вайронкунии такрории талабҳо ба сифати Мол;<br>• ивазкунии такрории Мол;<br>• истифодаи Маводи бегона;<br>• фиристодани спам ба Харидорон;<br>• муошираи дағал бо Харидорон ва/ё коргарони Маркетплейс;<br>• беаҳамиятӣ нисбати Фармоишҳо;<br>• радкунии такрории Фармоишҳо;<br>• муқарраркунии нархҳои Мол дар Маркетплейс ба андозаи фарққунанда аз нархҳои платформаҳои онлайнии худ (сомона, шабакаҳои иҷтимоӣ), инчунин дар платформаҳои дигар (;<br>• пешниҳоди Маводи сифатпаст ва рад дар бартарафкунии камбудиҳои ошкорнамудаи Маркетплейс; |

| | |
|---|---|
| • предоставление низкокачественных Материалов и отказ в устранении замечаний Маркетплейс;<br>• предоставление недостоверной информации о Продавце и/или реализуемых Товарах;<br>• непредоставление или несвоевременное предоставление документов, подтверждающих право на реализацию Товаров и размещение Материалов;<br>• неоднократное нарушение требований Маркетплейс, предъявляемых к процессу доставки Товаров;<br>• наличие задолженности перед Маркетплейс;<br>• иные нарушения условий Оферты. | • пешниҳоди маълумоти нодуруст дар бораи Фурӯшанда ва/ё Молҳои фурӯхташаванда;<br>• пешниҳоди накардан ё пешниҳоди нобаҳангоми ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи фурӯши Молҳо ва ҷойгиркунии Маводро тасдиқ мекунанд;<br>• вайронкунии такрории талаботҳои Маркетплейс, ки ба раванди расонидани Молҳо дахл доранд;<br>• мавҷуд будани қарз дар назди Маркетплейс;<br>• вайрон кардани шартҳои дигари Оферта. |
| 13.4. Договор может быть немотивированно расторгнут Продавцом или Маркетплейс в одностороннем внесудебном порядке путем направления письменного уведомления другой стороне не позднее, чем за 7 (Семь) дней до даты прекращения Договора. В этом случае ни одна из сторон не вправе требовать возмещения убытков от другой стороны. | 13.4. Шартнома аз тарафи Фурӯшанда ё Маркетплейс яктарафа тибқи тартиби тосудӣ бо равонкунии огоҳии хаттӣ ба тарафи дигар на дертар аз 7 (ҳафт) рӯз то санаи қатъи Шартнома бекор карда метавонад. Дар ин ҳол ҳеҷ яке аз тарафҳо ҳуқуқ надорад аз тарафи дигар ҷуброни зарарҳо талаб кунад. |
| 13.5. Обязательства Сторон по Договору, которые в силу своей природы должны продолжать действовать (включая обязательства в отношении конфиденциальности, проведения взаиморасчетов, использования информации, но не ограничиваясь указанным), остаются в силе после окончания действия Договора. | 13.5. Ӯҳдадориҳои Тарафҳо аз рӯи Шартнома, ки аз рӯи табиати худ бояд амал кунанд (аз ҷумла ӯҳдадориҳо вобаста ба махфият, гузаронидани ҳисобаробаркуниҳои мутақобила, истифодаи маълумот, аммо бо инҳо маҳдуд нашуда), пас аз анҷоми амали Шартнома дар қувваи амал доранд. |
| 13.6. Прекращение действия Договора по любому основанию не освобождает Стороны от ответственности за нарушения условий Договора, возникшие в течение срока его действия. | 13.6. Қатъи амали Шартнома аз рӯи ягон асос Тарафҳоро аз масъулият барои вайрон кардани шартҳои Шартнома, ки дар давоми мӯҳлати амалаш ба вуҷуд омадаанд, озод намекунад. |
| 13.7. В случае изменения Оферты Маркетплейс в течение срока действия Договора, Договор считается действующим на условиях Оферты в последней редакции со всеми Обязательными документами. | 13.7. Дар ҳолати тағйири Оферта аз тарафи Маркетплейс дар давоми мӯҳлати амали Шартнома, Шартнома дар шартҳои Оферта дар таҳрири охирин бо ҳамаи Ҳуҷҷатҳои ҳатмӣ амалкунанда ҳисобида мешавад. |
| 13.8. Маркетплейс оставляет за собой право внести изменения в условия Оферты и/или отозвать Оферту в любой момент по своему усмотрению. Сведения об изменении Оферты доводятся до Продавца посредством размещения на Сайте Маркетплейс. Сведения об отзыве Оферты доводятся до Продавца по выбору Маркетплейс посредством размещения на Сайте, в личном кабинете Продавца либо путем направления соответствующего | 13.8. Маркетплейс ҳуқуқи ворид кардани тағйирот ба шартҳои Оферта ва/ё баргардонидани Офертаро дар дилхоҳ лаҳза аз рӯи ихтиёри худ нигоҳ медорад. Маълумот дар бораи тағйири Оферта ба Фурӯшанда тавассути ҷойгиркунӣ дар Сомонаи Маркетплейс расонида мешавад. Маълумот дар бораи баргардонидани Оферта ба Фурӯшанда аз рӯи интихоби Маркетплейс тавассути ҷойгиркунӣ дар Сомона, дар Утоқи шахсии Фурӯшанда ё |

| | |
|---|---|
| уведомления на электронный или почтовый адрес, указанный в соответствии с настоящим Договором. | тавассути равонкунии огоҳиномаи мувофиқ ба суроғаи электронӣ ё почта, ки мутобиқи Шартномаи мазкур зикр шудааст, расонида мешавад. |
| **14. КОНФИДЕНЦИАЛЬНОСТЬ**<br>14.1. Для целей Оферты/Договора под «Раскрывающей стороной» понимается Маркетплейс, а под «Принимающей стороной» понимается Продавец. | **14. МАХФИЯТ**<br>14.1. Барои мақсадҳои Оферта/Шартнома дар зери «Тарафи ошкоркунанда» Маркетплейс, ва дар зери «Тарафи қабулкунанда» Фурӯшанда фаҳмида мешавад. |
| 14.2. Конфиденциальная информация – сведения, относящиеся в соответствии с законодательством Республики Таджикистан к персональным данным, банковской тайне, либо сведения, в отношении которых Раскрывающей стороной в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан установлен режим коммерческой тайны, а также любые другие сведения, в отношении которых Раскрывающей стороной заявлено требование об их конфиденциальности, которые принадлежат Раскрывающей стороне, или на которые Раскрывающая сторона получила определенные полномочия по их использованию. | 14.2. Маълумоти махфӣ – маълумоте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумотҳои шахсӣ, сирри бонкӣ тааллуқ доранд, ё маълумоте, ки дар робита ба онҳо аз тарафи Тарафи ошкоркунанда мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати сирри тиҷоратӣ муқарраргардида, инчунин ягон маълумоти дигаре, ки дар робита ба онҳо аз тарафи Тарафи ошкоркунанда талаби махфият баён шудааст, ки ба Тарафи ошкоркунанда таллуқ доранд, ё дар онҳо Тарафи ошкоркунанда ваколатҳои муайянро барои истифодаашон гирифтааст. |
| 14.3. В частности, к конфиденциальной информации относится:<br>• информация о результатах интеллектуальной деятельности, включая подготовительные документы и их проекты, и/или о принципах и алгоритмах их работы, используемых технологиях, реализованных функциях, устройстве интерфарейса, маркетинговых инструментах, организации и систематизации информации в базах данных, имеющихся ошибках в работе программного обеспечения/сайта, переданные Раскрывающей стороной, либо ставшие известными Принимающей стороне в связи с исполнением Договора;<br>• сведения о содержании деловых переговоров, обсуждений, или консультаций Сторон Договора;<br>• любая информация, оформленная в письменной или иной материальной форме, если такая информация явно обозначена как «Коммерческая тайна», «Конфиденциальная информация» либо аналогичным образом. | 14.3. Хусусан, ба маълумоти махфӣ тааллуқ дорад:<br>• маълумот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои тайёршаванда ва лоиҳаҳои онҳо, ва/ё дар бораи принсипҳо ва алгоритмҳои кори онҳо, технологияҳои истифодашаванда, функсияҳои татбиқшуда, сохти интерфейс, асбобҳои маркетингӣ, аз ҷумла асбобҳои, ташкил ва низомбандии маълумот дар пойгоҳҳои маълумотҳо, хатогиҳои мавҷуда дар кори барнома/сомона, интиқолшуда аз тарафи Тарафи ошкоркунанда, ё маълуми Тарафи қабулкунанда дар робита бо иҷрои Шартнома маълум гардидаанд;<br>• маълумот дар бораи мундариҷаи мубоҳисаҳои тиҷоратӣ, муҳокимаҳо, ё машваратҳои Тарафҳои Шартнома;<br>• дилхоҳ маълумоте, ки ба шакли хаттӣ ё шакли моддии дигар расмӣ гардида, агар чунин маълумот ба таври возеҳ ҳамчун «Сирри тиҷоратӣ», «Маълумоти махфӣ» ё монанд ба он зикр шуда бошад. |
| 14.4. Информация, предоставленная в устной форме, будет считаться конфиденциальной информацией только в том случае, если в момент передачи будет идентифицирована как | 14.4. Маълумоти дар шакли шифоҳӣ пешниҳодшуда, танҳо дар он ҳолат маълумоти махфӣ ҳисобида мешавад, ки дар лаҳзаи интиқол ҳамчун маълумоти махфӣ, сирри |

| | |
|---|---|
| конфиденциальная информация, информация, составляющая коммерческую тайну, информация для служебного пользования или аналогичным образом, и при условии предоставления Раскрывающей стороной Принимающей стороне письменного подтверждения об установлении режима конфиденциальности в отношении указанной информации в течение 10 (Десяти) дней после ее передачи.<br>14.5. Принимающая сторона обязуется исполнять следующие обязательства по обеспечению конфиденциальности информации:<br>• в течение 5 (пяти) лет со дня получения конфиденциальной информации сохранять такую информацию в тайне, соблюдая интересы Раскрывающей стороны, не использовать конфиденциальную информацию, за исключением тех случаев, когда такое использование осуществляется в интересах Раскрывающей стороны (по согласованию с ней) и /или в целях исполнения обязательств по Договору, а также обязуется не создавать копий конфиденциальной информации без разрешения Раскрывающей стороны. Принимающая сторона ограничивает разглашение конфиденциальной информации, предоставляя доступ к ней только тем сотрудникам Принимающей стороны (включая сотрудников – физических лиц, работающих на Принимающую сторону по гражданско-правовым договорам, работников субподрядчиков) или ее аффилированных лиц, для деятельности которых необходимо ознакомление с данной информацией;<br>• не передавать, не предоставлять и не разглашать какую-либо конфиденциальную информацию Раскрывающей стороны любому третьему лицу посредством публикации, либо любым иным способом. Передача конфиденциальной информации третьим лицам может быть осуществлена только при наличии письменного согласия Раскрывающей стороны на такую передачу (за исключением случаев, установленных Договором) и при условии принятия третьими лицами обязательства об обеспечении конфиденциальности полученной информации в объеме, не ниже, чем установлено Договором. | тиҷоратӣ, маълумот барои истифодаи Маркетплейсӣ ё ба тариқи мушобеҳ муайян карда шавад, ва ба шарте ки аз тарафи Тарафи ошкоркунанда ба Тарафи қабулкунанда тасдиқи хаттӣ дар бораи муқарраркунии ҳолати махфият нисбат ба маълумоти зикршуда дар давоми 10 (даҳ) рӯз пас аз интиқолаш Оферта шавад.<br>14.5. Тарафи қабулкунанда бояд ӯҳдадориҳои зеринро оид ба таъмини махфияти маълумот иҷро кунад:<br>• дар давоми 5 (панҷ) сол аз рӯзи гирифтани маълумоти махфӣ чунин маълумотро дар махфӣ нигоҳ дошта манфиатҳои Тарафи ошкоркунандаро риоя кунад, маълумоти махфиро ба истиснои он ҳолатҳое, ки чунин истифода ба манфиатҳои Тарафи ошкоркунанда (бо созишномаи ӯ) ва/ё барои мақсадҳои иҷрои ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартнома анҷом маълумот мешавад, истифода накунад, инчунин ӯҳдадор аст нусхаҳои маълумоти махфиро бидуни иҷозаи Тарафи ошкоркунанда тартиб надиҳад. Тарафи қабулкунанда ошкор кардани маълумоти махфиро маҳдуд карда дастрасиро ба он танҳо ба он коргарони Тарафи қабулкунанда (аз ҷумла коргарон – шахсони воқеӣ, ки дар Тарафи қабулкунанда аз рӯи шартномаҳои граждани-ҳуқуқӣ кор мекунанд) ё шахсони вобастаи ӯ пешниҳод мекунад, ки барои фаъолияташон шинос шудан бо ин маълумот зарур аст;<br>• ягон маълумоти махфии Тарафи ошкоркунандаро ба ягон шахси сеюм тавассути нашр, ё бо ягон тариқи дигар интиқол надиҳад, пешниҳод накунад ва ошкор нанамояд. Интиқоли маълумоти махфӣ ба шахсони сеюм танҳо дар ҳолати мавҷуд будани розигии хаттии Тарафи ошкоркунанда барои чунин интиқол (ба истиснои ҳолатҳои дар Шартнома муқарраршуда) ва ба шарте ки аз тарафи шахсони сеюм ӯҳдадорӣ оид ба таъмини махфияти маълумоти гирифташуда дар ҳаҷме, ки на камтар аз он, ки дар Шартнома муқарраргардида, қабул карда шавад, амалӣ шуда метавонад. |

| | |
|---|---|
| 14.6.Принимающая сторона не несет ответственности за раскрытие, и не несет обязанности соблюдать режим конфиденциальности в отношении информации:<br>• публично раскрытой Раскрывающей стороной либо до, либо после получения Принимающей стороной такой информации;<br>• независимо разработанной Принимающей стороной, что может быть документально подтверждено Принимающей стороной;<br>• которая должна быть раскрыта в соответствии с требованиями законодательства государственным органам и органам местного самоуправления, при условии, что Принимающая сторона прилагает все необходимые усилия для надлежащего уведомления Раскрывающей стороны о требуемом раскрытии;<br>• раскрывается с предварительного письменного согласия Раскрывающей стороны. | 14.6. Тарафи қабулкунанда барои ошкоркунӣ ва ӯҳдадорӣ барои риояи ҳолати махфиятро барои маълумот дар ҳолатҳои мазкур надорад:<br>• барои маълумоти оммавӣ ошкоргардидаи Тарафи ошкоркунанда пеш аз ё пас аз гирифтани чунин маълумот аз ҷониби Тарафи қабулкунанда;<br>• барои маълумоти мустақилона коркарданмудаи Тарафи қабулкунанда, ки он ба таври ҳуҷҷатӣ тасдиқ карда шуда метавонад;<br>• барои маълумоте, ки бояд мутобиқи талаботҳои қонунгузорӣ бо талаби мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ ошкор карда шавад, ба шарте ки Тарафи қабулкунанда барои огоҳкунии дахлдори Тарафи ошкоркунанда дар бораи ошкоркунии талабшаванда ҳамаи кӯшишҳои зарурӣ ба харҷ медиҳад;<br>• барои маълумоте, ки бо розигии пешакии хаттии Тарафи ошкоркунанда ошкор карда мешавад. |
| 14.7.Принимающая сторона несет ответственность за обеспечение того, чтобы третьи лица, которым была передана конфиденциальная информация, сохраняли указанную информацию, не раскрывали ее или не передавали ее какому бы то ни было неуполномоченному на ее получение лицу. | 14.7. Тарафи қабулкунанда барои таъмини он, ки шахсони сеюме, ки ба онҳо маълумоти махфӣ интиқол маълумот шудааст, маълумоти зикршударо нигоҳ доранд, онро ошкор накунанд ё барои пешниҳод накардани он ба дилхоҳ шахси ба гирифтани чунин маълумот ваколат надошта ҷавобгар аст. |
| 14.8.Право собственности и/или исключительное право на конфиденциальную информацию, полученную Принимающей стороной в какой-либо форме, принадлежит Раскрывающей стороне. | 14.8. Ҳуқуқи молкият ва/ё ҳуқуқи истисноӣ ба маълумоти махфие, ки аз ҷониби Тарафи қабулкунанда дар ягон шакл гирифта шудааст, ба Тарафи ошкоркунанда тааллуқ дорад. |
| 14.9.Принимающая сторона получает права на использование конфиденциальной информации Раскрывающей стороны только в целях исполнения обязательств по Договору. | 14.9. Тарафи қабулкунанда ҳуқуқҳои истифодаи маълумоти махфии Тарафи ошкоркунандаро танҳо барои мақсадҳои иҷрои ӯҳдадориҳо аз рӯи Шартнома мегирад. |
| 14.10. За нарушение условий пользования Принимающая сторона несет ответственность в размере документально подтвержденных убытков. | 14.10. Барои вайрон кардани шартҳои истифодабарӣ Тарафи қабулкунанда ба андозаи зарарҳои ҳуҷҷатӣ тасдиқшудаҷавобгар аст. |
| **15. РАЗРЕШЕНИЕ СПОРОВ**<br>15.1.Договор, его заключение и исполнение регулируются действующим законодательством Республики Таджикистан. Все вопросы, неурегулированные Офертой или урегулированные не полностью, регулируются в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. | **15. ҲАЛ КАРДАНИ ИХТИЛОФҲО**<br>15.1. Шартнома, бастан ва иҷрои он тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Ҳамаи масъалаҳое, ки бо Оферта танзим нашудаанд ё нопурра танзим шудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. |

| | |
|---|---|
| 15.2.Стороны будут стремиться разрешать возникшие споры, разногласия и/или требования путем переговоров. Претензионный порядок разрешения споров, разногласий и/или требований обязателен для Сторон. Срок рассмотрения претензии составляет 30 дней с даты ее получения. | 15.2. Тарафҳо кӯшиш мекунанд ихтилофҳо, норозигиҳо ва/ё талаботи ба вуҷуд омадаро тавассути музокира ҳал кунанд. Тартиби даъвогии ҳал кардани ихтилофҳо, норозигиҳо ва/ё талабот барои Тарафҳо ҳатмӣ аст. Мӯҳлати баррасии даъво 30 рӯз аз санаи гирифтанаш ташкил медиҳад. |
| 15.3.Споры, разногласия и/или требования, не урегулированные в претензионном порядке, подлежат рассмотрению в суде по месту нахождения Маркетплейс в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. | 15.3. Ихтилофҳо, норозигиҳо ва/ё талаботе, ки дар тартиби даъвогӣ ҳал нашудаанд, дар суд аз рӯи ҷойи ҷойгиршавии Маркетплейс мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасӣ мегузаранд. |
| **16. МАРКЕТПЛЕЙС** | **16. МАРКЕТПЛЕЙС** |
| 16.1.Продавец несет ответственность за собственные действия в связи с использованием Маркетплейса. | 16.1. Фурӯшанда барои амалҳои худ дар робита бо истифодаи Маркетплейс ҷавобгар аст. |
| 16.2.Маркетплейс по своему усмотрению вправе в любое время изменять оформление, содержание, функциональное наполнение Маркетплейса, изменять программное обеспечение и прочее. | 16.2. Маркетплейс аз рӯи ихтиёри худ ҳуқуқ дорад дилхоҳ вақт тарроҳӣ, мундариҷа ва таркиби Маркетплейсро тағйир диҳад, таъминоти барномавӣ ва ғайраро тағйир диҳад. |
| 16.3.Маркетплейс обеспечивает функционирование и работоспособность Маркетплейса и обязуется оперативно восстанавливать его работоспособность в случае технических сбоев и перерывов. Маркетплейс не несет ответственности за временные сбои и перерывы в работе Маркетплейса и вызванные в результате этого потери информации. Маркетплейс не несет ответственности за любой ущерб компьютеру/мобильным устройствам Продавца, а также любому другому оборудованию или программному обеспечению, вызванный или связанный с использованием Маркетплейса. | 16.3. Маркетплейс функсионал ва қобилияти кории Маркетплейсро таъмин мекунад ва ӯҳдадор аст қобилияти кории онро дар ҳолати нуқсонҳои техникӣ ва қатъшавӣ дарҳол барқарор кунад. Маркетплейс барои нуқсонҳо ва қатъшавиҳои муваққатӣ дар кори Маркетплейс ва талафоти маълумоте, ки дар натиҷаи он ба вуҷуд омадаанд, ҷавобгар нест. Маркетплейс барои ягон зарар ба компютер/дастгоҳҳои мобилии Фурӯшанда, инчунин ба ягон таҷҳизот ё нармафзори дигаре, ки боиси истифодаи Маркетплейс ё бо он алоқаманд пайдо шудааст, ҷавобгар нест. |
| 16.4.Маркетплейс не несет ответственности перед Продавцом за невозможность использования Маркетплейса по каким-либо независящим от Маркетплейс причинам. | 16.4. Маркетплейс пеши Фурӯшанда барои ғайриимкон будани истифодаи Маркетплейс бинобар сабабҳои аз Маркетплейс вобаста набуда масъулият надорад. |
| **17. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ** | **17. МУҚАРАРОТИ ХОТИМАВӢ** |
| 17.1.Договор, его заключение и исполнение регулируется действующим законодательством Республики Таджикистан. Все вопросы, не урегулированные Офертой или урегулированные не полностью, регулируются в соответствии с законодательством Республики Таджикистан. | 17.1. Шартнома, бастан ва иҷрои он бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Ҳамаи масъалаҳои тибқи Оферта танзимнашуда ё нопурра танзимшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. |

| | |
|---|---|
| 17.2.В случае если одно или более положений настоящей Оферты или Договора являются по какой-либо причине недействительными, не имеющими юридической силы, такая недействительность не оказывает влияния на действительность любого другого положения Оферты или Договора.<br><br>**18. РЕКВИЗИТЫ МАРКЕТПЛЕЙ**<br>**Полное наименование:** ООО «Алиф Савдо»<br>**Юридический адрес:** РТ, г. Душанбе, р.Сино, ул. Багаутдинова, д. 9.<br>**ИНН:** 5405507359/540501001<br>**ЕИН:**0410045323<br>Дата публикации 14.08.2025 | 17.2.Дар ҳолате ки як ё якчанд муқарароти Офертаи мазкур ё Шартнома аз сабаби ягон беэътибор, қувваи ҳуқуқӣ надошта эътироф гардида бошанд, чунин беэътиборӣ ба муқарароти дигари Оферта ё Шартнома таъсир намерасонад.<br><br>**18. РЕКВИЗИТҲОИ МАРКЕТПЛЕЙС**<br>**Номгӯии пурра:** ҶДММ «Алиф Савдо»<br>**Суроғаи ҳуқуқӣ:** ҶТ, ш. Душанбе, н. Сино, кӯч. Боҳовуддинов, х. 9.<br>**РМА:** 5405507359/540501001<br>**РЯМ:** 0410045323<br>Санаи нашр: 14.08.2025 |